**Хулосаи**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии № 41**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 15-декабри соли 2020, № 41 дар бораи ба Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ санаи 04-уми сентиябри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми июни соли 2019, № 133) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид 12-уми марти соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст. Аз соли 2015 то соли 2018 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи он муҳокима карда шуда, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №9/1 аз 2-уми майи соли 2020).

**Роҳбари илмӣ**: **Сафарзода Бахтовар Амиралӣ** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусен** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Кенҷаев Шӯҳратҷон Юсуфович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи

давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд).

**Муассисаи тақриздиҳанда: Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон** (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мансурзода А.М. имзо ва аз ҷониби Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шарифзода Ф.Р. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок мебошад. Оид ба мавзӯи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (имлҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон алоқамандии зич дорад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

1. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[2-М]. Мизробов, Ш.Ш. Сиёсати давлатӣ дар бахши ҳуқуқи кӯдак: дар мисоли Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак / Ш.Ш. Мизробов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2015. – № 3/11 (188). – С. 133-136.

[3-М]. Мизробов, Ш.Ш. Специализированные органы по правам ребёнка в РТ / Ш.Ш. Мизробов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/4. – С. 214-217.

[4-М]. Мизробов, Ш.Ш. О деятельности Комиссии по правам ребёнка в Республики Таджикистан / Ш.Ш. Мизробов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – 2/5 (207). – С. 252-256.

[5-М]. Мизробов, Ш.Ш. Права ребёнка: о деятельности некоторых органов в Республике Таджикистан / Ш.Ш. Мизробов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 2/6 (204). – С. 232-234.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-М]. Мизробов, Ш.Ш. Ҳуқуқи кӯдакони гуреза, бешаҳрвандӣ ва хориҷӣ / Ш.Ш. Мизробов // Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ аз 18-уми майи соли 2018) / Зери таҳрири номзадҳои илми ҳуқуқ, дотсентон Раҳмон Д.С. ва Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – С. 176-178.

[7-М]. Мизробов, Ш.Ш. Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ / Ш.Ш. Мизробов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – 2018. – № 1 (09). – С. 57-63.

[8-М]. Мизробов, Ш.Ш. Таърихи инкишофи институти ҳифзи байналмилалии ҳуқуқи кӯдак / Ш.Ш. Мизробов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 216-224.

[9-М]. Мизробов, Ш.Ш. Ҳимои ҳуқуқи кӯдак дар ислом / Ш.Ш. Мизробов // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019 – С. 93-99.

[10-М]. Шосаидзода, Ш.Ш. Принсипҳои таъмини ҳуқуқи кӯдак мутобиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқ кӯдак / Ш.Ш. Шосаидзода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019). – С. 168-183.

[11-М]. Шосаидзода, Ш.Ш. Фаъолияти СММ дар самти ҳимояи ҳуқуқи кӯдак / Ш.Ш. Шосаидзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2019. – № 2 (14). – С. 23-30.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Искандаров З.Ҳ., Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Умед Бобозода, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ., Мудири шуъбаи ҳуқуқи дасгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба: таҳлили ҷанбаҳои амалии мавзӯъ; мавриди муқоиса ва хулосабарории дақиқтар қарор додани мафҳумҳои «кӯдак», «ҳуқуқҳои кӯдак», ҳамчунин қабули кодекси кӯдак, ҷори намудани фанни таълимии ҳуқуқҳои кудак дар мактабҳои миёна, минбаъд таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудан ба ҷиҳати таърихии масъалаи эътирофи ҳуқуқи кӯдак; шарҳ додани зарурияти муҳиммияти ҳуқуқҳои кӯдак дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ ва мақсади даврабанди алоҳидаи давраи шоҳаншоҳиро мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ:**

Омӯзиши таърихи бавуҷудоии манбаъҳои эътирофи ҳуқуқи кӯдак, ҳифз намудани манфиатҳои кӯдак, муайн намудани мақеи кӯдак дар низои ҳуқуқи зардуштӣ, ислом, шоҳаншоҳӣ, шӯравӣ ва давраи истиқлолият дар Тоҷикистон, таҳлили хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии инкишофи ҳуқуқи кӯдак, ошкор намудани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқии самараноки кӯдакон **коркард карда шудааст.** Таҳқиқи сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии эътирофи ҳуқуқи кӯдак **пешниҳод шудааст**.

**Исбот шудааст, ки** дар тамаддуни халқии тоҷик ба кӯдакон ҳамчун қишри осебпазир муносибат намуда, ҳифзи манфиатҳои онҳоро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонистан, ки ин гувоҳи онст ки эътирофи ҳуқуқҳои кӯдак дар тамаддуни халқи тоҷик таърихи куҳан доранд. Дар шароити имрӯзаи инкишофи давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Ҳимояи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон ҳоло дар марҳилаи ташаккул қарор дорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки** натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди қонунгузорӣ дар бахши эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак мусоидат карда, сабаби такмили қонунгузорӣ мегарданд;

масъалаҳои назариявӣ ва усулии танзими ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон муайян карда шудааст;

масоили мубрами эътироф ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

дар хусуси такмил ва рушди қонунгузори дар бахши ҳуқуқҳои кӯдакон пешниҳоду тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ҳалли вазифаҳои гузошташуда тавассути усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ, алалхусус усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, таҷрибавӣ ва усулҳои функсионалӣ **истифода бурда шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

– таклифу пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми коркард ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, ки ба масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар бахши эътирофи ҳуқуқи кӯдак дахл доранд, **истифода бурда шаванд;**

– маводҳои диссертатсияро дар раванди тадриси фанҳои «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи инсон» «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», курси махсуси «Ҳуқуқи кӯдак», «Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ» ва ғ. метавон истифода бурд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф аз осори илмии олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ф.Т. Тоҳиров, Р.Ш. Сотиволдиев, А.Ғ. Холиқзода, В.И. Абрамов, Э.С. Насриддинзода, Г.В. Богданова, А.М. Диноршоев, Ҷ.М. Зоиров, О.В. Бутко, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, Ҷ. Саъдизода, истифода намудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ нишон доданд, ки:**

– нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ташаккул ва инкишофи эътирофи ҳуқуқи кӯдак ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ марбут ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, **мувофиқат мекунанд;**

– дар рисолаи диссертатсионӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин мекунанд;

– пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **мусоидат мекунанд.**

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар тадқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ ва 10 интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз санаи 15 декабри соли 2020 қарор қабул карда шуд, ки ба Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ, доктори**
**илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор** **Азиззода У.А.**

**15 декабри соли 2020.**